«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
**Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифзода М.М.**

________________________

«__23__» ____12____ 2021.

# ХУЛОСАИ

**кафедраи таърих ва диншиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон оид ба диссертатсияи унвонҷӯ Султонзода Беҳзод Султонӣ дар мавзӯи «Лашкардории аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ (солҳои 60-уми асри XIX ибтидои асри XX)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ**

Диссертатсияи унвонҷӯ Султонзода Беҳзод Султонӣ дар мавзӯи «Лашкардории аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ (солҳои 60-уми асри XIX ибтидои асри XX)» дар кафедраи таърих ва диншиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Унвонҷӯ Султонзода Беҳзод Султонӣ соли 1980 таваллуд шуда, соли 2003 факултети таърихи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуровро бо ихтисоси муаллими таърих ва ҷомеашинос хатм намудааст. Солҳои 2010-2012 фаъолияти меҳнатиро ба ҳайси муаллими мактаби Муассисаи таълимии ғайридавлатии “Мактаби Рустамов” оғоз намуда, солҳои 2012-2015 ҳамчун унвонҷӯи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон фаъолият намудааст. Аз соли 2012 то соли 2021 дар факултети № 4-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси муаллим-методисти калони қисми таълимӣ ва аз октябри соли 2021 то ҳол дар вазифаи сардори қисми таълимӣ фаъолият дорад.

Тибқи шаҳодатномаҳои № 611 аз 23.04.2019 аз фанни таърих ва фалсафаи илм, № 631 аз 23.04.2019 аз фанни забони англисӣ дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон имтиҳони минимуми номзадиро супоридааст.

Роҳбари илмии унвонҷӯ - доктори илмҳои таърих, профессор Ғаффорӣ Нуъмонҷон Усмонзода таъйин шудааст.

Диссертатсияи Султонзода Б.С. 30 ноябри соли 2021 дар кафедраи таърих ва диншиносии ДДҲБСТ муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод гардидааст. Дар муҳокима иштирок доштанд: Ҳомидзода Ф.М.-доктори илмҳои таърих, профессор, мудири кафедраи таърих ва диншиносӣ, Раҳимов Н.Т. - доктори илмҳои таърих, профессор, Тоатов Ҳ.С. - номзади илмҳои таърих, дотсент, Дӯстов Д.К. - номзади илмҳои таърих, дотсент, Абдуқодиров А.А. - номзади илмҳои таърих, дотсент, Файзуллоева М.Ш. - номзади илмҳои таърих, дотсент, Нурмаҳмадов Ю.Ш. – номзади илмҳои филология, дотсент, Умарова М.С. – муаллими калон, Ҳамидова М.М. – муаллими калон, Ҳусайнов М.М. – муаллими калон, Олимов Д.Р. - ассистент, Қаҳоров У.А. – ассистент, Мансурова М. А. – ассистент, Шерматов А.А. – ассистент, Дӯстматова М.Т. – коргузори кафедра.

Аз рӯи натиҷаи муҳокимаи диссертатсияи Султонзода Б.С. чунин натиҷагирӣ карда шуд:

Диссертатсия ба мавзӯи «Лашкардории аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ (солҳои 60-уми асри XIX ибтидои асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯи ихтисоси 07.00.02– Таърихи ватанӣ бахшида шудааст. Аморати Бухорои аҳди манғитиён мусалламан дорои низоми хоси давлатӣ ва лашкар буд. Ин мавзӯъ дар асарҳое, ки ба баррасии таърихи ин замон инъикос ёфтаанд, то ҳадде матраҳ шудааст. Аммо то кунун ба тариқи маҷмӯӣ масъалаи лашкар, ҳайати он, рисолати ин лашкар ва мудирияти он дар аморати Бухорои ин давр таҳқиқи ҳамаҷониба нашудааст. Бо дарназардошти ин зарурат дар ин диссертатсия масоили ташкили артиши муназзам ва таъминоти он дар аморати Бухоро, анъанаи лашкардорӣ ва навовариҳо дар мудирияти он,

таъмини лашкар бо аслиҳаи ҷангӣ, идораи лашкари аморат, рутбаҳои ҳарбӣ ва уҳдадориҳои соҳибмансабон ва таъминоти моддии лашкари аморат дар замони протекторати Россия шудани аморати Бухоро мавриди баррасӣ қарор ёфтаанд, ки мубрам будани омӯзиши ин масъаларо равшан мекунанд.

**Дар диссертатсия ҳамчун сарчашма** осори адабию таърихии Муҳаммадвафои Карминагӣ, Мирзо Бадеъи Девон, Аҳмади Дониш, Мирзо Абдулазими Сомӣ, Мирзо Салимбек, Садри Зиёи Бухорӣ, Садриддин Айнӣ, Абдурауф Фитрат, Мир Муҳаммад Сиддиқи Ҳашмат, Муҳаммад Сайиди Балҷувонӣ, Мир Муҳаммад Амини Бухорӣ, Муҳаммад Юсуфи Муншӣ, Олимбек ибни Ниёзқулибек, Бақохоҷа писари Ҳамидхоҷа, Мулло Абдураҳмон Тамкини Бухорӣ, Муъин, Олимхоҷа ибни Мирзо Саййид Хоҷа Мушрифи Бухорой, осори муаллифони Хӯқанд ва Хоразм, ҳуҷҷат ва асноди Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон (БМДРӮз), маҷмӯаи “Туркестанский сборник”, осори таҳқиқотии олимони ватанию хориҷӣ, ки ба таҳқиқи давраҳои мухталифи давлатдории аморати Бухоро мавриди истифодаи ҳаматарафа қарор дода шуданд.

**Асоси методологии** таҳқиқро усулҳои илмии ба арзишҳои умумиинсонӣ ва миллӣ асосёфта ташкил медиҳад. Дар ин таҳқиқот аз усулҳои хронологӣ-сулолавӣ, системавӣ-муқоисавӣ, оморӣ, таҷдиди таърихӣ, усули умумии универсалӣ, баён, детерминизм, таҳлил ва усулҳои таҳқиқотие, ки олимони ватанӣ ва хориҷи кишвар дар асарҳои худ истифода кардаанд, истифода гардидаанд. Дар диссертатсияи мазкур инчунин, бо истифодаи методҳои маърифатӣ инъикоси воқеаву ҳодисаҳои ҳарбию сиёсии солҳои тобеияти вассалии (протекторат) аморати Бухоро ба Россияи подшоҳӣ, омилҳои мусбат ва манфии лашкардорӣ нишон дода шудаанд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Ҳадафи асосии таҳқиқоти илмӣ омӯзиши вазъи лашкар ва таъминоти ҳарбии аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ маҳсуб меёбад. Барои расидан ба ин

ҳадаф якчанд масъалаҳои мубрами мавзӯи мазкур ба миён гузошта шудаанд:

- Тавсифи ҷараёни истилои бархе аз мулкҳои аморати Бухоро аз тарафи Россияи подшоҳӣ (солҳои 1865 - 1868);
- Таҳлили маъхаз, маълумоти бойгонӣ ва адабиёти илмӣ роҷеъ ба авзои сиёсӣ ва ҳарбии аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ
- Таҳқиқи масъалаҳо оид ба ташкили лашкари муназзам дар аморати Бухоро;
- Муайян намудани анъана ва навовариҳо дар умури лашкардории аморати Бухоро;
- Тавсифи вазифа, унвонҳои ҳарбӣ, рутба ва уҳдадориҳои ҳарбиёни аморати Бухоро;
- Омӯзиши тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ;

Дар доираи ин барррасӣ ҷараёнҳои сиёсӣ-ҳарбии замони истилои аморат аз тарафи Россияи подшоҳӣ таҳқиқ шуда, ҳодисаҳои марбут ба истилои аморат аз тарафи Россияи подшоҳӣ ва протекторати аморати Бухоро аз ҷониби Россияи подшоҳӣ омӯхта мешавад

**Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ.** Дар диссертатсия ташкили лашкар ва хидмати ҳарбӣ дар аморати Бухоро, ҳолат ва идораи он, ташкили артиши муназзам ва таъминоти моддии он, ҳамчунин, аслиҳа ва таъминоти лашкари аморати Бухоро бо асбоби ҷангӣ ва муҳорибаю мудофиа, унвон, дараҷаҳои ҳарбӣ ва ӯҳдадориҳои соҳибони он, таъмини моддии сарбозон тибқи анъана ва навовариҳо, ҳаёти моддӣ-маишии онҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Ин масъалаҳо дар осори таърихнигорони маҳаллӣ, хотира ва ёддоштҳои олимону муҳаққиқони рус ва хориҷа дар замони забти Осиёи Миёна аз тарафи Россия ва дар даврони тобеияти аморати Бухоро ба Россия, осори олимон ва тадқиқотчиёни даврони шӯравӣ ва даврони баъди барҳамхӯрии империяи шӯравӣ низ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла, дар асарҳои Ҳ.Пирумшоев, А.Ш. Розиқзода, Б.Исмоилова, В.

Дубовитский, А.Саидов, М.Ш. Холов, Ҷ. Ҷӯрабоев, Бароти Шамсо, Ю. Шукриллаев, Б.Р. Турсунов, олимони рус Д.В. Шевченко, О.А. Егоренко, С.С. Бороздин ва дигарон маълумотҳои муҳим доир ба масъалаҳои ҳарбӣ, идораи маъмурӣ-давлатӣ, вазифаҳои маъмурӣ ва ҳарбӣ дар аморати Бухоро инъикос ёфтаанд, ки барои пажӯҳандагон ҳамчун арзишҳои муҳими таърихӣ хизмат мекунад.

Аз назари унвонҷӯ, дар баробари ин, масъалаи унвон, дараҷаҳои ҳарбӣ ва ӯҳдадориҳои соҳибони он таъмини моддии сарбозон тибқи анъана ва навовариҳо, ҳаёти моддӣ-маишии онҳо ҳам омӯзиши хоса ва умдаеро талаб мекунад. Доир ба ин муаммо низ муаллиф бозҷусти илмӣ бурда, ба ҳалли бархе масъалаҳои таҳқиқнашудаи лашкар ва таъмини моддии лашкар дар аморати Бухоро алоҳида таваҷҷуҳ зоҳир намудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст мавзӯи илмии мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври умумӣ ва ҳарҷониба баррасӣ ва таҳқиқ мешавад. Дар иртибот бо омӯзиши ин мавзӯъ доир ба афкори ҳарбӣ ва низомии халқи тоҷик дар замони мавҷудияти аморати Бухоро, идора ва сохтори он, унвон ва амалҳои ҳарбӣ фикр ва мулоҳизаҳо гирифта шуд. Мақом ва иштироки мардуми тоҷикзабон дар воқеаҳои сиёсии давр, вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат, ҳаёти фарҳангии кишвар нишон дода шуд. Дар диссертатсия бо истифода аз маълумоти маъхазҳои хаттӣ, бойгонӣ, ахбори мухталифи таҳқиқот ва асарҳои муаллифони гуногун ба таври васеъ лашкар, умури аскария ва таъминоти ҳарбии аморати Бухоро дар иртибот бо ҳолат, идора ва анъанаҳо омӯхта шудааст.

**Арзиши амалии тадқиқот дар он зоҳир мегардад, ки** аз рӯи натиҷаҳои он метавон дар мавриди таҳия ва хондани маърӯзаҳо, гузаштани дарсҳои амалӣ ва семинарҳо, корҳои мустақилонаи донишҷӯён, навиштани рисола ва монографияҳо, китобҳои дарсӣ ва ғайра ба таври васеъ истифода намуд.

Натиҷаҳои тадқиқот дар 1 монография, 8 мақола, аз ҷумла 3 мақолаи дар маҷаллаҳои дар феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон сабти ном гардида инъикос ёфтааст. Ҳамчунин, аз рӯи мавзӯи диссертатсия муаллиф дар конференсияҳои илмии вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ (солҳои 2012-2021) маърӯзаҳо намудааст.

Кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон диссертатсияи Султонзода Беҳзод Султониро кори илмии баанҷомрасида ва мубрам меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба ҳама талаботи корҳои диссертатсионӣ ҷавобгӯ аст. Дар ин замина, диссертатсияи мазкурро барои дифоъ аз рӯйи ихтисоси 07.00.02– таърихи ватанӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих тавсия менамояд.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон қабул шудааст. Дар ҷаласаи кафедра 14 нафар ҳузур доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 14 нафар, зид, бетараф нест.

Суратҷаласаи № 4 аз 30 ноябри соли 2021.

**Раис,**
**мудири кафедраи таърих ва диншиносии**
**факултети сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои**
**байналхалкии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,**
**бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои таърих, профессор** **Ҳомидзода Ф.М.**

**Имзои профессор Ҳомидзода Ф. М. - ро тасдиқ менамоям.**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,**
**бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Мирпочоев И.Ҳ.**

6-12.2021

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС